**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №___________
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 22.06.2023, №37

Дар бораи сазовор донистани Исмоилзода Маъруф Искандар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа.

Диссертатсияи Исмоилзода Маъруф Искандар дар мавзуи «Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 13 апрели соли 2023, суратмаҷлиси №30 барои ҳимоя қабул гардидааст (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсиси Шурои диссертатсионӣ аз 01 феврали соли 2022, №38).

Довталаби дараҷаи илмӣ Исмоилзода Маъруф Искандар, санаи таваллудаш 20.10.1995, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2017 дараҷаи бакалаврро дар Донишгоҳи давлатии Данғара аз руйи ихтисоси идораи мақомоти маҳаллӣ хатм намудааст. Соли 2019 дараҷаи магистрро дар Донишгоҳи давлатии Данғара аз руйи ихтисоси идораи давлатӣ хатм намудааст. Аз соли 2020 унвонҷӯи кафедраи фанҳои гуманитарии факултети идораи давлатӣ ва ҳифзи хуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара маҳсуб меёбад. Айни замон ба ҳайси декани факултети идораи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Маҳмадизода Нозим Давлатмурод -доктори илмхои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Қаххоров Ғаюр Ғафурович - доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Абилзода Гуландом Сардор - номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии

давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби н.и.с, дотсент Шарипов Х.Б. ба имзо расида, аз ҷониби ректори ҳамин донишгоҳ, д.и.х/қ., профессор Маҳмадёрзода У.М. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Исмоилзода Маъруф Искандар дар мавзуи «Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқат карда, муаллифи он Исмоилзода Маъруф Искандар сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

Исмоилзода Маъруф Искандар вобаста ба мавзуи диссертатсия 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Инчунин вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ 3 маърӯзаи илмӣ дорад. Интишороти довталаб бандҳои асосӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Исмоилов М.И. Сиёсишавии дин: муносибати назариявӣ ва консептуалӣ [Матн] / М.И. Исмоилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. - №7. - С.282-288.

[2-М]. Исмоилов М.И. Масъалаҳо ва заминаҳои пайдоиши созмонҳо ва ҳаракатҳои динию сиёсӣ [Матн] / М.И. Исмоилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. - № 11. -С.301-307.

[3-М]. Исмоилзода М.И. Таъсири омилҳои хориҷӣ ба раванди сиёсишавии дин [Матн] / М.И. Исмоилзода, Н.Д. Маҳмадизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2023. -№4. -С.220-228.

Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби мутахассисони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод гардидаанд:

- аз ҷониби Гулов А.А. - номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи тиббии Хатлон.

- аз ҷониби Сатторзода С.Н. - номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи кори иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

- аз ҷониби Тураев Ф.Р. - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферат воридгардида мусбат буда, дар онҳо эродҳое ишора гардидаанд, ки хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба таҳқиқи минбаъдаи мавзуи диссертатсия манзур шудаанд.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- сиёсишавии дин, аз нигоҳи омӯзишҳои назариявӣ ҳамчун ҷараён ва кӯшиши яке аз муҳимтарин падидаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, идеологӣ ва эътиқодӣ ва барандагони субъектони динӣ, қудратҳо баҳри динигардонии тамоми муносибатҳо, ки дар давоми таърихи сиёсии башар ба вуқуъ пайвастааст, коркард карда шудаанд;

- исбот карда шуд, ки сиёсишавии дин дар шароите, ки буҳрони умумиҷаҳонӣ ва мушкилоти ҷомеаҳои муосир эътироф мегардад, барои Тоҷикистон низ бетаъсир намемонад;

- қайд карда мешавад, ки барои муайян намудани пайдоиши ҳизбу ҳаракатҳои динӣ ва ташаккули экстремизми динӣ дар ҳудудҳои Тоҷикистони имрӯза ҳолатҳои мушаххас, аз қабили аҳамияти геополитикии Тоҷикистон, аҳамияти геотамаддунӣ ва геоконфессионалӣ, заминаҳо ва ё ҳолатҳои таърихиро ба назар гирифтан зарурияти ҳатмӣ дорад;

- муайян карда мешавад, ки фаъолияти неруҳои тундгаро, ки мақсадашон ташкил намудани давлати теократӣ ва сохтори теократии ҷомеа аст, омилҳое мебошанд, ки дар зери таъсири он сиёсишавии дин ба амал меояд;

- муайян карда шуд, ки замони муосир масъалаҳои мураккаби инкишофро дар назди давлатҳо ва ҷомеаҳои муосир пеш мегузорад. Ҳалли онҳо имкониятро барои рушди устувори минбаъдаи давлат фароҳам меоварад ва мураккабӣ, ҳал накардани буҳронҳои инкишоф хоҳ нохоҳ омили аз байн рафтани ягонагӣ, устуворӣ ва рушди мутаносиби давлатҳо мегарданд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он асоснок карда шудааст, ки таҳқиқоти мазкур дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ, омӯзиши равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ ва инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ анҷом дода шуда, дар он нисбат ба рушди ҷомеаи мутамаддин ва раванду ҳодисаҳои сиёсии

ҷомеаи Тоҷикистон хулосаҳои илман асоснокшуда баён гардидаанд. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар шароити Тоҷикистон барои омӯзиши минбаъдаи равандҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ, масъалаҳои гуногуни таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ заминаи илмию назариявӣ ба шумор меравад. Инчунин, дар асоси таҳлилу таҳкики консепсияҳои илмӣ зарурати ташаккулдиҳии низоми махсуси таъмини амният ва суботи ҷомеа нишон дода шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои муаллиф бештар дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва назарияҳои сиёсӣ таҳия гардида, дар асоси таҳлили равандҳои сиёсии замони муосир ва муҳиммияту зарурияти омӯзиши сиёсишавии дин ва ошкор намудани тарафҳои гуногуни он барои ҷомеаи тоҷикистонӣ асоснок карда шуда, хулосаҳо дар заминаи истифодаи методҳои илмӣ таҳия гардидаанд. Хулосаҳои диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф мебошанд.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқот асарҳои илмии Н.Д. Маҳмадиев, А.И. Муминов, Н.Д. Назиров, Н.С. Раҷабов, Э. Дюркгейм Э.Б. Малиновский, П.А Сорокин, А. Тойнби, В.Ф. Халипов, Е.В. Халипова, М.В. Данилов, С.М. Нунуев, Б. Тиби, Д. Мартин, С.А. Семедов, П. Наррис, Р. Инглехерт, А.В. Митрофанова, И. Восторгов, А.Л. Вишневский, И.А. Илин, Е.Г. Аванесова, С. Хантингтон, М.С. Зинченко, М. Юргенмайер, А.В. Переяшкин, А.А. Ярликапов, Ю. Хабермас, Б. Тиби, А.Н. Царевский, Г.М. Куприянова, Л.И. Григорева, С.А. Семедов, Ш. Ёвкочев, В.И. Шеремет, Л.В. Зеленин, В.Н. Савелев, Ш. Илясов, А.В. Митрофанова, И. Звягельская, З.И. Левин, Ж. Кепел, Р.Г. Ланда, М. Санаи, Ҷ.Л. Еспозито, СИ. Градировский, Г. Ҷемал ва Б. Люис омӯхта шуда, дар он заминаҳо ва сабабҳои ба амал омадани сиёсишавии дин ва хусусиятҳои сиёсишавии дин дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти довталаби дараҷаи илмӣ** бо он тасдиқ мегардад, ки маводи диссертатсия барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши дигаргуниҳои сифатӣ ва равандҳои сиёсии замони муосир машғуланд, аҳамияти илмию назариявӣ доранд. Хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди давлати миллӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини амнияти миллӣ истифода намудан мумкин аст, Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот ва маводи диссертатсияро дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, сотсиология, диншиносӣ, амнияти давлатӣ, амнияти динӣ, ҷомеашиносӣ ва монанди инҳо метавон истифода бурд. Тавсияҳои амалии муаллиф метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ низ истифода бурда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки хулосаҳои муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва назарияҳои сиёсӣ таҳия гардидаанд. Инчунин муаллиф дар асоси таҳлили равандҳои сиёсии замони муосир муҳиммият ва зарурияти омӯзиши сиёсишавии дин ва ошкор намудани тарафҳои гуногуни онро барои ҷомеаи тоҷикистонӣ асоснок намуда, хулосаҳои худро дар заминаи истифодаи методҳои илмии таҳия кардааст. Хулосаҳои таҳкикот натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф мебошанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯйи дарёфти дараҷаи илмӣ** дар муайян намудани максад ва вазифахои тахкикот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

Дар маҷлиси 22 июни соли 2023 Шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Исмоилзода Маъруф Искандар ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 13 нафар иштирокчиёни маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа,
профессор /_______________/ Аҳмадов С.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа /_______________/ Муминов А.И.

22.06.2023